Тақризи мушовири илмӣ

номзади илми филология, дотсент Исмонов Кароматулло Бадридинович ба докторанти Ph.D, доктор аз рӯйи ихтисос Алсенан Абдулҳаким Фаҳад

Тарҷума чун як воситаи пуриқтидори равобити маданӣ, сиёсӣ ва иқтисодии байни халқҳо ҳамеша нақши бузургеро бозидааст. Ҳамин аст, ки ҳамеша ба чи гуна анҷомпазирии тарҷума ва дигаргуниҳое, ки вобаста ба воҳидҳои луғавию синтаксисии забон дар раванди тарҷума ба миён меояд, ишора мешавад. Аз ҷумла, таъкид мегардад, ки барои дуруст анҷом додани тарҷума мутарҷим бояд аз вижагиҳои дастурии ҳар ду забон огоҳии хуб дошта бошад. Ҳарчанд ҳадафи тарҷума қоидаҳои дастурӣ набошад ҳам, вале тарҷумон дар дилхоҳ тарҷума ниёз ба донистани қоидаҳои дастурӣ дорад.

Бо назардошти ин нукта диссертатсияи докторанти Ph.D, доктор аз рӯйи ихтисос Алсенан Абдулҳаким Фаҳад дар мавзуи «Мутаммими ҷумлаи форсӣ ва мушкилоти тарҷумаи он ба забони арабӣ (бар асоси романи Бузурги Алавӣ «Чашмҳояш») муҳимму саривақтӣ ба шумор меравад.

Диссертант Алсенан Абдулҳаким Фаҳад тавонистааст, ки дар се фасли рисола ба паҳлуҳои гуногуни назариявӣ – татбиқии мутаммими ҷумлаи форсӣ ишора карда, мушкилоти тарҷумаи онро ба забони арабӣ ба баррасӣ кашидааст, ҳамзамон, роҳкорҳоеро барои тарҷумаи ин воҳиди синтаксисӣ пешниҳод намудааст. Натиҷаҳои бадастовардаи диссертант метавонад дар шинохти баъзе аз тамоюлҳову қонуниятҳои таъсири дастурии забони арабӣ ба забони форсӣ дар мисоли яке аз аҷзои муҳимму бунёдии ҷумла дар забони форсӣ- мутаммим мусоидат менамояд.

Дар таълифи диссертатсия докторант Алсенан Абдулҳаким Фаҳад ба таври самаранок фаъолият карда, оид ба мазмуну муҳтавои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи таъйиднамудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва КОА-и Федератсияи Русия 4 мақола ба нашр расонидааст.

Бо такя ба таҳлилҳои боло метавон гуфт, ки диссертатсияи Алсенан Абдулҳаким Фаҳад дар мавзуи «Мутаммими ҷумлаи форсӣ ва мушкилоти тарҷумаи он ба забони арабӣ (бар асоси романи Бузурги Алавӣ «Чашмҳояш») ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарачаи лимии доктори фалсафа Ph.D, доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020900 – Шарқшиносӣ (6D020901 – Забони форсӣ) мебошад.

Номзади илми филология,
дотсент Исмонов К.Б.

«05» декабрь 2022

Имзои Исмонов К.Б.-ро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо
ва корҳои махсус Тавқиев Э.Ш.

05.12.2022